«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода
доктори илми филология, профессор
_______________ Гулназарзода Ж.Б.
«29» _____августи_____ соли 2024

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии насри Сорбон дар даврони Истиқлоли Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.**

Диссертатсияи Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии насри Сорбон дар даврони Истиқлоли Тоҷикистон» ба банди 5-уми бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик мувофиқат мекунад.

Солҳои охир мавзуъҳои ҷиддӣ ва мубрам аз ҷониби донишгоҳу пажӯҳишгоҳҳо ба унвонҷӯёну муҳаққиқон ҷиҳати таҳқиқ пешниҳод мегарданд. Аз ҷумла, мавзуе, ки унвонҷӯи Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна ба ҳимоя пешниҳод намудааст, дар илми адабиётшиносӣ мавзуи муҳим ва таҳқиқношуда аст. Дар охири солҳои ҳаштодуми садаи XX насри муосири тоҷикӣ аз лиҳози сохтору мундариҷа ва мазмуну муҳтаво ба дигаргуниҳои куллӣ дучор омад. Дар маркази таваҷҷуҳи адибон инсон, паҳлуҳои гуногуни хислату характер, ҷанбаҳои мухталифи ҳаёти ӯ қарор гирифт. Офаридани характери сирф мусбат аҳаммияти худро гум карда, қаҳрамонҳо дар баробари муваффақиятҳо бисёр иштибоҳу хато содир карда, зиддияту задухӯрди миёни онҳо ба таври ҳаётӣ ва табиӣ ҳалли худро меёфт. Метавон гуфт, ки ин оғози инъикоси дарки худшиносию худогоҳӣ ва тасвири вокеаву ҳодисоте, ки бештар ҷанбаҳои миллӣ

дoштанд, гардида, ба тадриҷ он ба дарки ҳисси баланди тасвири мавзуоти истиқлолҷӯйӣ ва истиқлолхоҳӣ оварда расонд. Бо фаро расидани истиқлол ба адибон фазои озоди эҷодӣ фароҳам омад, адабиёт ҷанбаҳои миллӣ касб намуда, бештар таърих, фарҳанг, расму ойин ва асолати миллати тоҷикро инъикос мекард. Асарҳое, ки дар ин давра ба вуҷуд омадаанд, бештар баёнгари дарки асолати миллӣ гардида, дар хеш миллатдӯстӣ, эҳёи суннатҳои волову арзишманди ниёгон, таърихи пурфоҷиаи миллати моро таҷассум мекарданд.

Сорбон низ бо соҳибистиқлол гардидани кишвар боз ба мавзуву мухтавои нав рӯ оварда, дар осори хеш таърихи фоҷиабори халқ, симоҳои нотакрор, қаҳрамонҳои қавиирода, характерҳои барҷаста, манзараҳои хеле дилпазири табиати кӯҳистон, вазъиятҳои пуртазодду ихтилофангези ҳаёт, ҳиссиёти гуногуни ботини инсонҳоро ,бо забони нобу ширин, истифодаи калимаҳои нодир, таъбирҳои пурмаъно, ибораҳои муҷазу рехтаи халқӣ ва зарбулмасалу мақолҳои мардумӣ тасвир намудааст.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Мубрамиву зарурати таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, вазифаи асосии масъалаҳои таҳқиқшаванда, навгониҳои таҳқиқ, моҳияти назарию амалии таҳқиқ, сохтори умумии кор, инчунин нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаву натиҷагириҳои муаллиф саҳм ва нуқтаи назари хоси ӯро нисбат ба мавзуи таҳқиқ нишон медиҳанд. Саҳми шахсии муаллиф дар омӯзиши назария ва консепсияҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳси диссертатсия, таҳлилу баррасии онҳо, омода намудани мақолаву суханрониҳо зоҳир мешавад. Муаллиф ба таҳқиқи масъалаи илмӣ аз методҳои адабиётшиносӣ истифода карда, равия ва ҷараёнҳои нави таҳқиқоти адабиётро ба эътибор гирифтааст. Диссертант дар таҳияи равиши илмии масъалаҳои дар диссертатсия пешниҳоднамуда, корбурди усулҳои таҳқиқи таърихӣ-муқоисавии адабиётшиносӣ, методҳои умумиилмии мушоҳида ва муқоиса, назари объективӣ ба маводи адабӣ,

омӯзиши типологии жанрҳо, сохтори жанрии адабиётшиносӣ ва методи таҳлили системавию муназзамро мавриди истифода қарор додааст. Муҳаққиқ бар он андеша аст, ки Сорбон дар эҷоди асарҳои таърихии калонҳаҷм ва қиссаҳои таърихӣ маҳорат ва ҳунари нигорандагии хоссе зоҳир намуда, асарҳоеро, ба мисли романҳои сеҷилдаи **«Зарафшон»**, **«Достони писари Худо»**, қиссаҳои **«Спитамон»**, **«Оташкада»** эҷод намуд. Дар асарҳои мазкур таърихи халку миллат, таърихи халқҳои мутамаддин на танҳо тасвир ёфтааст, балки воқеаву ҳодисаҳои таърихӣ дар вобастагӣ бо ҳодисаву воқеаҳои замони муосир нишон дода шудаанд. Хусусан, асарҳои дар даврони истиқлол таълифнамудаи Сорбон таърих, фарҳанг, маънавиёт ва расму ойини мардуми моро инъикос карда, он зарурати таҳқиқи ҳаматарафаи осори индавраинаи адибро ба миён мегузоранд.

**Мубрамияти мавзуъ**, факту далелҳо, андешаҳои шахсии муаллиф, истифодаи сарчашмаҳои дастнахӯрда, густардаву фарогир ва бо равишҳои тозаву дидгоҳҳои нави илмӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додани масоили мавриди баҳс, пажӯҳишу таҳқиқи муфассали мушаххасоти хусусиятҳои ғоявию бадеии гасри Сорбон дар даврони Истиқлол ва дигар ҷанбаҳои ҳунарии эҷодиёти ин адиб ба мо имкони комил медиҳад, ки диссертатсияи номзадии аз ҷониби Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна таълифшударо кори шоистаи илмӣ арзёбӣ намоем.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Диссертатсияи Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна, аз муқаддима, се боб, 9 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои амалии таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва интишорот дар мавзуи диссертатсия иборат мебошад. **Навгонии илмии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки диссертатсия аввалин пажӯҳиши мукаммал ва бонизом дар шинохти мухтассот ва вежагиҳои осори Сорбон дар даврони истиқлол аст. Дар ин таҳқиқ бори аввал инҳирофоти фардии Сорбон аз равиши эҷодии

реализми танқидӣ бо далел ва мушаххас нишон дода шудааст. Таҳқиқи мазкур бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик осори нависандаро дар даврони нав, ки аз 9 - роман, 7 - қисса, 1- асари ёддоштӣ- **«Лоиқнома»**, 2-маҷмуаи ҳикоя, 1-маҷмуаи ҳикояҳои хурд иборат аст, бо таваҷҷуҳ ба сабки фардӣ ва равишҳои эҷодии ӯ дар даврони истиқлол вежагиҳои мавзуъ, мундариҷа, ҳунари нигорандагии адиб, забони баён ва услуби нависанда дар марҳалаи нави эҷодиёт фаро мегирад.

**Арзиши назарӣ ва амалии рисоларо** таҳқиқи масоили адабиёти муосир, алалхусус, насри имрӯзи тоҷик муайян мекунанд. Пажӯҳиши мазкур ҳангоми навиштани китобҳои дарсии таърихи адабиёти тоҷик, бахши адабиёти муосир, таълифи корҳои курсӣ ва корҳои дипломию рисолаҳои хатм, таълими дарсҳои адабиёти муосири тоҷик метавонад истифода шавад. Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрамӣ ва зарурати интихоби мавзуи таҳқиқ, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ, заминаҳои назариявию методологӣ, ҳадафу объект, мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқ, усулҳои таҳқиқот, сарчашмаҳо, соҳа ва марҳалаҳои таҳқиқ, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии муаллиф, таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он, интишори натиҷаҳои диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ва амсоли инҳо баён шудааст.

Боби якуми рисола **«Вежагиҳои мавзуӣ ва ғоявии эҷодиёти Сорбон дар даврони истиқлол»**-ро дар бар гирифта, аз се фасл иборат мебошад. Фасли якуми он **«Вежагиҳои мавзуи ахлоқ ва иҷтимоиёт дар осори Сорбон»** номгузорӣ шуда, осори адибро дар даврони нав, ки бо истифода аз нафаси тозаи истиқлол, майдони васеи эҷодӣ, бештар ба мавзуи ахлоқ рӯ овард, баррасӣ мекунад. Дар ин бахши диссертатсия масъалаҳои зикршуда хуб баррасӣ ва равшан карда шудаанд. Фасли дуюми боби аввал **«Инъикоси ҳаёти ҳамзамонон дар асарҳои нависанда»**

ном дошта, осори ба мавзуи ҳаёти муосирон бахшидаи адибро баррасӣ мекунад. Қаҳрамони ҳикояи «**Марди танҳо**», Қурбон, иштирокчии набард бо фашизм, марди нотарсу меҳнаткаш аст, вале аз кӯчидан ба ноҳияи Бӯстон сар мекашад. Нависанда бо нишон додани хислатҳои мухталифи Қурбон характери барҷаста офаридааст. Вижагии ин фасл дар он аст, ки муаллиф кӯшидааст муҳтавои ҳар як асари адибро кушояд, муҳтавои ҳикояву қисса ва сабку услуби онҳоро мӯшикофона таҳлил намояд. Дар фасли сеюми боби якум **«Тасвири симои зани тоҷик дар осори Сорбон»** баррасӣ мешавад, ки ин мавзуъ дар тамоми давраи эҷодии адиб ба мушоҳида мерасад. Бояд зикр намуд, ки ҳаёти пурпечутоби зан, нақши ӯ дар рӯзгор ва ҳаёти иҷтимоӣ, симо ва характери зани тоҷикро бо ҳама рангҳо, паҳлуҳои гуногун, ба мисли Ороста аз романи «**Барзгар**», ки исмату шараф зери по карда, худро дар ҷомеа беобрӯ ва шавҳарро гирифтори бемории руҳӣ мекунад, Гул аз қиссаи **«Ғори одамхор»,** ки то айшу ишраташ халал набинад, духтарашро ба қатл мерасонад, инчунин чеҳраҳои пурнаҷобату пуротифат, таҳаммулгароӣ ва қавииродагиву матонати зан, ба мисли Шарифа аз романи **«Шарифа**» ва ғайраҳо ҷасорати бемисл доранд.

Боби дуюми рисола таҳти унвони **«Бозтоби таърихи кишвар дар эҷодиёти Сорбон дар даврони истиқлол»** буда, фасли якуми он «**Ҳунари нигорандагии Сорбон дар инъикоси таърих»** номгузорӣ шудааст. Сорбон ба мавзуи таърих ҳанӯз аз аввали солҳои эҷодиёт таваҷҷуҳи хосса дошта, як ҳунари вежаи таърихнигории нависанда дар он аст, ки ӯ зиддиятҳои пурихтилофи ҳаводиси айём, ҳақиқати таърихиро аз рӯйи имкон ва шароит гоҳ пурра ва гоҳ ҷо-ҷо воқеънигорона тасвир намудааст. Аммо замони истиқлол барои кулли эҷодкорон, ба вежа Сорбон фазои пурвусъат ва озоди эҷодӣ, имкони баррасии мавзуҳои тоза, баёни андешаву ормонҳои миллӣ падид овард.

Фасли дуюми боби дуюми рисола **«Баррасии мавзуи ҷанг дар осори Сорбон»** буда, доир ба мавзуи ҷанг, таъсири ҷанг дар сарнавишти

инсонҳо дар осори дар даврони истиқлол таълифшудаи Сорбон мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Дар ҳикояи **«Кӯрофтоб»** рӯзҳои наҳси Ҷанги Бузурги Ватанӣ, гуруснагии мардуми ақибгоҳ тасвир шудааст. Муваффақияти нависанда дар ин ҳикоя тасвири иродаи инсон гоҳи фоҷиаи бузург буда, ҳарду қаҳрамони марказӣ-Аноргул ва писарак дар сахттарин лаҳзаи ҳаёт бо матонату ирода симоҳои инсонии хешро нигоҳ медоранд. Дар фасли сеюми боби дуюм мавзуи **«Инъикоси воқеаҳои солҳои навадуми садаи XX дар асарҳои адиб»** баррасӣ шудааст. Воқеаву ҳодисаҳои маълуми солҳои навадуми садаи гузашта бо ҳама вахшонияту даҳшатҳое, ки рух дода буд, дар санаду таърихномаҳо, дар осори адибони замон инъикоси худро ёфтаанд. Сорбон низ чун адиби дардошно ва таърихнигор он рӯзҳои пурҳаводису ҳассоси халқу кишварро ба рӯйи коғаз овардааст.

Боби сеюм **«Вежагиҳои ҳунарии эҷодиёти Сорбон дар даврони нав»** номгузорӣ шуда, дар фасли якуми он мавзуи **«Вежагиҳои сабки Сорбон дар эҷоди новелла»** баррасӣ шудааст. Сорбон, ки худро ҳамчун носир маҳз тавассути жанри ҳикоя муаррифӣ карда, дар ин жанр бо ҷолибият, ҳунари нигорандагии воло, услуби вежаи муайян ва тасвири характерҳои қавӣ ва тавонманд ҳамчун адиби навпардоз дар адабиёти на танҳо тоҷик, балки адабиёти шуравӣ нақши басо муҳим дошт, дар давраи дуюми эҷодиёти хеш, ки даврони истиқлолро дар бар мегирад, ба таълифи новелла ё ҳикояҳои хурд шуруъ кард, ки имрӯз дар осори ӯ мавқеи вежаеро доранд. Ин нуктаро низ бояд ҳатман таъкид кард, ки фазои пурвусъати иттилоотии замони муосир ва пешрафти босуръати илму техника, ки фурсатро барои мутолиа маҳдуд мекунанд, омили асосии рушди дубораи жанри новелла шудаанд. Дар фасли дуюми боби сеюм **«Тамсил ва рамз дар эҷодиёти нависанда»** баррасӣ мегардад. Сорбон дар тамоми осори худ аз тамсил ва рамз фаровон истифода бурда, асарҳои тамсилии пурғановат офаридааст. Қаҳрамони ҳикояҳои **«Вафодор»**, **«Шер»**, **«Аз ҳама хурд»**, **«Майна»** ва **«Шер ва дигарон»** ҷонварон буда, аз

одатҳои хос ва хулқу хӯй, хислати онҳо нақл мекунанд. Тавре ки диссертант қайд мекунад, истифодаи рамзу тамсил ба осори адиб ҳусни дигар афзуда, сабки баён, забони асари ӯро ғановати дигар бахшидаанд. Фасли сеюми боби сеюм **«Сабки баёни осори Сорбон»** номгузорӣ шудааст. Муҳаққиқ таъкид менамояд, ки забон ва сабки баёни осори Сорбон равону сода буда, нависанда аз гӯйишҳои мардумии водии Зарафшон фаровон истифода кардааст. Воситаҳои фолклорӣ, мисли истифодаи зарбулмасалу мақол имкониятҳои бадеии насрро ғанӣ намуда, омили муҳимми таъсирнокии сухани муаллиф гардидаанд. **Хулосаи** диссертатсия дар 11 банд чунин ҷамъбаст шудааст, ки Сорбон яке аз адибони сермаҳсули тоҷик ба шумор рафта, дар канори нависандагони тозаҳарфе, ба мисли Ӯ. Кӯҳзод, А. Самад, С. Турсун, Б. Фирӯз, Ҷ. Акобир дар таҳаввули насри тоҷик дар даврони истиқлол низ аз нигоҳи сабку услуб, мавзуву мундариҷа ва ҳунари нигорандагӣ нақши муассир дорад. Ӯ ҳамчун як насрнависи соҳибмалака дар тамоми навъҳои маъмули адабӣ, ба мисли ҳикоя, повест, роман, ёддошт, сафарнома асар офаридааст.

Китобномаи диссертатсия аҳаммияти илмии корро афзун мегардонад. Аҳамияти дигари таҳқиқот дар он аст, ки муаллиф масоили дар пеш гузоштаро муҳокима ва таҳлилу баррасии амиқ намуда, боҷуръатона назари шахсии хешро баён дошта, хулосаи мантиқӣ ироа кардааст. Муҳаққиқ тавонистааст, ки аз уҳдаи пажӯҳиши осори нависанда дар даврони Истиқлол ба хубӣ бароояд.

Дар диссертатсия дар баробари дастовардҳо баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо боиси афзунии ҳусни таҳқиқ хоҳанд буд:

1. Ба назари мо, фасли дуюми боби дувум, ки ба ҳунари нависандагии Сорбон дар инъикоси таърих дахл дорад, ҳамчун фасли алоҳидае ба боби сеюм ворид карда мешуд, таҳлили таҷаллии ҳунари нависанда комилтар мешуд.

2. Дар кори диссертатсионӣ аҳёнан такрори андешаҳо (дар фаслҳои дувуми боби дувум ва фасли савуми боби савум) он ҷо, ки сухан аз сабки баён ва шахсияти қаҳрамонони осор меравад, ба мушоҳида мерасад.
3. Ҳарчанд дар таҳқиқот масоили назарии эҷодиёти Сорбон ниҳоят мӯҷазу мухтасар (бо назардошти ҳаҷми умумии кор ва масъалаҳои пажӯҳишшаванда) таҳқиқ шуда бошанд ҳам, овардани назари донишмандони зиёди дигар дар мавриди ҳунари адиб лозим буд.
4. Ислоҳи ғалатҳои техникиву имлоӣ, таҳрири дигарбораи забонии кор, ба андешаи мо, муҳим аст ва сифати онро комилтар хоҳад кард.
5. Гоҳо дар равиши таҳқиқ сабки илмии кор бо сабки публитсистӣ омезиш ёфтааст, ки ислоҳи он боиси боз ҳам беҳбудӣ ёфтани кор мегардид.

Эродҳои зикршуда аҳаммияти дуюмдараҷа дошта, бар мазмуну мундариҷаи кор халали ҷиддӣ ворид намесозанд ва ислоҳи онҳо боиси беҳбуди кор мегардад.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия бо автореферат, ки бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидааст, мувофиқати комил дошта, муҳтавои асосии диссертатсия дар 16 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд. Аннотатсияи диссертатсия, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии насри Сорбон дар даврони Истиқлоли Тоҷикистон» таҳқиқоти пурра анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267

тасдиқ шудааст, комилан мувофиқ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 29 - уми августи соли 2024, суратҷаласаи № 1 муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок дошт: 18 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 18 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
**номзади илми филология, дотсент,**
**мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти**
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии**
**Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** **Шамсов Н. С.**

**Эксперт:**
**Доктори илми филология, профессори**
**кафедраи назария ва таърихи адабиёти**
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии**
**Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** **Давлатбеков Л. М.**

**Котиби илмии ҷаласа:**
**номзади илми филология, дотсенти**
**кафедраи назария ва таърихи адабиёти**
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии**
**Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** **Раҳимова М. И.**

Имзоҳои н.и.ф. Н.С. Шамсов, д.и.ф. Л. М. Давлатбеков ва М. И. Раҳимоваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б. Ғ.

734019, ш. Душанбе,
кӯчаи Ф.Муҳаммадиев 17/6,
тел.(+992 37) 232-50-00;
E-mail: shamsov1960@mail.ru.
29-уми августи соли 2024